# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар барои диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

**Парвандаи аттестатсионии № ______________**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27 сентябри соли 2024, №4**

Барои сазовор донистани Сафаров Фируз Холназарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.11-паразитология.

Диссертатсияи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**», аз рӯйи ихтисоси 03.02.11-паразитология ба ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №10 аз 12 июли соли 2024 Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. E-mail: iveterinari@mail.ru. Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Каҳҳоров, 43; тел. (992) 37-227-51-92 бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сафаров Фируз Холназарович 10 июли соли 1982 дар н. Данғара таваллуд шудааст. Соли 2004 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси «духтур ветеринар» хатм намудааст.

Соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон шомил гардида, онро соли 2009 хатм намудааст. Сафаров Ф.Х. дар факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба ҳайси омӯзгори калон кор ва фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар Шӯъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар доираи мавзӯи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**» барои солҳои 2006-2009 РКД0108ТД410 ва дар кафедраи фармакология ва паразитологияи

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мустақилона иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Розиқов Шомаҳмад Шерович, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Аминҷонов Шерзод Мирабосович,** доктори илмҳои ветеринарӣ, мудири озмоишгоҳи гелминтозоонозҳои Институти илмӣ – таҳқиқотии ветеринарӣ (Самарқанди, Ӯзбекистон);
2. **Аҳмадов Нусратулло Азизбекович,** номзади илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои ба хусус хавфноки чорвои Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н.Павловскийи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шарҳи мусбати худ номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю. ва тасдиқи директори Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ Қадамзода Д.С., нишон дод, ки кори рисолаи номзадии довталаби дараҷаи илмӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, самти илмӣ, дараҷаи методӣ, ҳаҷми таҳқиқоти гузаронидашуда, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва натиҷаҳои ба даст овардашуда мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Сафаров Фируз Холназарович дар мавзӯи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 31,33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар тақриз дарҷ гардидааст, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба итмом расонида буда, аз нигоҳи сохтор ва мундариҷа комил аст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 03.02.11-паразитология мувофиқат мекунад ва таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Довталаб дарёфти дараҷаи илмӣ 6 интишороти илмӣ чопшуда дорад, ки дар онҳо муқаррарот ва хулосаҳои асосиро оид ба мавзӯи кори диссертатсионӣ баён кардаанд, аз ҷумла 3-тои онҳо дар нашрияҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардаанд. Нашрияҳои асосии рисола мақолаҳои илмие мебошанд, ки дар алоҳидагӣ ва ҳаммуаллифӣ нашр шудаанд, ки натиҷаҳои назарраси тадқиқотро пешкаш мекунанд. Саҳми муаллиф беш аз 76,94% аст.

**Номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд:**

1. Сафаров Ф.Х. Эпизоотология фасциолеза овец в Вахшской долине Республики Таджикистан / Ф.Х. Сафаров // Кишоварз ТАУ. – 2013. - №2 (59). - С.25-30.

2. Сафаров Ф.Х. Трематодаҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳои ҳамвори Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ /Ф.Х. Сафаров // Кишоварз / ТАУ. – 2023. - №3 (100). - С. 90-93.

3. Сафаров Ф.Х., Мубориза бар зидди трематодозҳои чорвои хурди шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ / Ф.Х. Сафаров // Кишоварз ДАТ. – 2024. - №3 (104). - С. 123-127.

**Номгӯйи мақолаҳо чопӣ дар дигар нашрияҳои даврӣ:**

4. Сафаров Ф.Х. Антигельментная эффективность альбазена 10% при гельминтозах овец в центральном Таджикистане / Ф.Х.Сафаров, Б.И. Худойдодов, Ш.Ш. Розиков, С.Дж. Джрураев // Материалы республиканской научной конференции “Вклад сельскохозяйственной науки в обеспечении продовольственной безопасности”. Повященной международному десятилетию действий “Вода для устойчивого развития. 2018-2028 годы” и 2018 году “Году развития туризма и народных ремесел” г. Душанбе, 14-мая 2018. - С. 264-267.

5. Сафаров Ф.Х. Дегельминтизация – эффективный способ в борьбе гельминтозами овец. Национальная академия наук Таджикистана / Ф.Х. Сафаров // Материалы X-ой международной конференции «Экологические особенности биологического разнообразния», Душанбе 2023. - С. 85-87.

6. Сафаров Ф.Х. Фауна гельминтов овец и коз в равнинной зоне Центрального Таджикистана / Б.И. Иброхимзода, Ф.Х. Сафаров, Ш.Ш. Разиков // Материалы республиканской научной конференции «Биологическое разнообразие растений, животных и генетических ресурсов Горного Бадахшана» (г. Хорог, 2-3 ноября 2023г.). - С.53-54.

**Ба диссертатсия ва автореферат 8 адад тақризҳои мусби ворид шудааст.**

1. Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи зоологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент **Мирзоев Н.М.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

2. Мудири кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетикаи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино н.и.б., дотсент **Ризоева О.А.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

3. Номзади илмҳои биологӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ: **Раҳимзода Ш.Ҳ.** дар тақриз (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) автореферати диссертатсия мусбат арзёби намудааст.

4. Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи ихтиология ва физиологияи ҳайвоноти хоҷагии қишлоқи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур: **Юсупов А.Я.** ба автореферати диссертатсия тақризи (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) мусбат додааст.

5. Сардори раёсати назорати байторӣ ва зотпарварии Кумитаи бехатарии Озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Андамов И. Ш.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёби гардидааст.

6. Мудири озмоишгоҳи ташхиси касалиҳои сирояткунанда ҶММ Институти илмӣ-таҳқиқотии масоили бехатарии биологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон, Доктори илмҳои биологӣ, профессор **Кошеметов Ж.К.** ва ходими калони илмии озмоишгоҳи ҶММ Институти илмӣ-таҳқиқотии масоили бехатарии биологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон, номзади илмҳои ветеринарӣ, профессор **Абеуов Х.Б.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудаанд.

7. Директори Институти илмӣ-таҳқиқотии паразитологияи Донишгоҳи давлатии Курск, доктори илмҳои биологӣ, профессор, **Малишева Наталия Семеновна;** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба

дастовардҳои муаллиф андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

8. Мудири озмоишгоҳи «Омӯзиши устуворӣ ва сироятҳои дохили беморхонавӣ»-и Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон», номзади илмҳои биологӣ **Қаюмова М.У.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёби намудааст.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки кори рисолаи илмии Сафаров Ф.Х., ки ба ихтисоси 03.02.11 – Паразитология мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринари мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи паразитология буда (илмҳои биология) буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва мӯҳтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз бонуфузтарин муассисаҳои илмӣ дар назди Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили паразатӣ хеле маъруф гардидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Ф.Х. дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» як қатор масъалаҳо коркард шудааст:

**омӯхта шудаанд:** таркиби фаунистикӣ, паҳншавӣ ва нишондиҳандаҳои сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол ва мавсими сол, инчунин моно ва полисиротёбӣ бо намояндагони дигар синфҳои гиҷҷаҳо дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ;

**тавсия карда шуд:** дар ҷанбаи муқоисавӣ самаранокии баланди як қатор маводи зиддигиҷҷавии истеҳсоли ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян карда шуд;

**муайян карда шуд:** зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнии трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ;

**таҳия карда шуд:** дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дастурамали методии «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис ва чораҳои мубориза)» ки аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии ветеринарӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2015 протоколи №2 тасдиқ гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, басомади таҷрибаҳои гузаронидашуда, коркарди омории натиҷаҳои бадастомада ва нашрияҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот асос ёфтаанд.

Маводи диссертатсиониро метавон дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотологияи ветеринарӣ, асосҳои беҳдошти ветеринарӣ ва паразитологияи ветеринарӣ дар факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

**Коркард ва ҷори карда шудаанд:** ҳамасола дар аввали баҳор ва тирамоҳ гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ташхиси трематодаҳо (бо гирифтани 50-100 адад намунаҳои саргин); гузаронидани чораҳои беҳдоштию гигиении қитъаҳои чарогоҳ (хушконидани ҳавзу кӯлмакҳое ва ботлоқзорҳо) ва нест кардани муҳит барои нармбаданҳо – соҳибони мобайнии трематодаҳо; истифодаи маводи зиддигиҷҷавии дорои самаранокии баланд ба муқобили трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор: левафас диамонд бо меъёри 2,5 мл, вермизоли 20% бо меъёри 1,0 мл, гелмитсид бо миқдори 0,75 г, алвет бо меъёри 1,0 мл, албазени 10%-ро бо меъёри 2,0 мл ба 10 кг вазни зинда ба даҳон; дар асоси нақша дар байни мутахассисони соҳаи чорводорӣ мунтазам гузарондани таблиғи донишҳои ветеринарӣ.

**Муайян карда шуд:** сироятёбии чорво гузаронидани гиҷҷаронии дукарата бар зидди трематодозҳо (дар фаслҳои баҳору тобистон).

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Вазифа ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ба рамзи ихтисоси 03.02.11 – паразитология мутобиқат намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба бандҳои 5.1 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ветеринарӣ: аз рӯи ихтисоси 03.02.11 – паразитология мувофиқат мекунад.

**ошкор гардид:** дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз trematодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин моно- ва полисироятёбӣ ин паразитҳо бо намояндагони дигар синфҳои гиҷҷаҳо;

**муайян карда шуд:** зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнӣ (*Viviparus contectus, Limnaea auricularia, Lymnaea stagnalis*, *Lymnaea palustris, Planorbis planorbis, Lymnaea truncatula, Fruticicola fruticum*)-и трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ;

**Асолат ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳо.** Кори диссертатсионии Сафаров Ф.Х. дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар дараҷаи хуби илмӣ бо истифода аз таҳлилҳои паразитологӣ таҳия гардидаанд. Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таҳқиқоти бисёркаратаи саҳроӣ ва озмоишӣ, истифодаи усулҳои маъмул ва инчунин таҳлили омории натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Муаллиф мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, барои муайян намудани намудҳо, нишондиҳандаҳои сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол ва мавсими сол, моно- ва полисироятёбӣ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ пешниҳодҳои амалӣ ва таҳияи дастурамали методӣ «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» истифода намудааст. Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, омода ва интишори маводи чопӣ иштирок намудааст.

Шурои диссертатсиони аз он хулосабарорӣ намӯд, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба анҷом расонидашуда буда, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ихтисоси 03.02.11-паразитология мувофиқат намуда, ба талаботи бандҳои 67 ва 69-и "тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-O39 нази Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон рӯзи 27 сентябри соли 2024, протоколи №4 дар барои додани дараҷаи илмӣ номзади илмҳои ветеринарӣ ба Сафаров Фируз Холназарович қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 9 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ иштирок доштанд, ки аз ин 2 нафар доктори илм бо ихтисоси 03.02.11-паразитология мебошанд. Дар овоздиҳӣ 9-нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 9-нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, варақаҳо беэътибор карда шуда – нест.

**Раиси Шӯрои, диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ветеринарӣ** **Амирбеков Муллоҷон**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ветеринарӣ** **Ҳасанов Фирӯз**
27.09. 2024 с.